Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (солҳои 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

25 майи соли 2024 Шанбе № 41 (15052)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# БА ХАТМКУНАНДАГОНИ МАКТАБҲОИ КИШВАРИ МО

*Фарзандони азизи мо!*

*Шумо, ҷавонони моро, ки мехоҳед бо тамоми иқтидор ва нирӯ донишу имконияти худро ба мақсади нек – бунёд кардани Ўзбекистони Нав сафарбар намоед, писарону духтарони шоистаи Ватан гардед, бинобар хатми мактаб аз таҳти дил муборакбод менамоям.*

*Дар ин рӯзи хурсандӣ, вақте ки дар тамоми мактабҳои кишвар занги охирин садо медиҳад, омӯзгорони ғамхор ва падарону модарони дӯстдори шумо бароятон ва ҳазорҳо ҷавононе чун шумо, ки ба ҳаёти бузург роҳхат мегиранд, дуои хайр медиҳанд.*

*Воқеан, шумо дар остонаи ҳаёти куллан нав қарор доред, барои шумо имкониятҳои бузург боз мегарданд. Дар ин роҳ ҷустуҷӯи мунтазам, саъю кӯшиш ба фатҳи қуллаҳои нав, шуҷоат ва эътимод ба худ бояд ҳамроҳи шумо бошанд.*

*Дар хотир доред, ки ҳар кадоми шумо соҳиби қобилият ва дорои истеъдод мебошед. Дар амал татбиқ сохтани имкониятҳоятон, пеш аз ҳама, аз худи шумо, аз иродаву ғайрати шумо вобаста мебошад.*

*Бояд таъкид намуд, ки дар байни шумо садҳо писарону духтароне ҳастанд, ки мактабро бо медалҳои тиллоиву нуқравӣ хатм кардаанд.*

*Солҳои охир ҷавонони Ўзбекистони Нав донишҳои амиқ ва иқтидори худро дар соҳаҳои гуногуни илм, варзиш, санъат ва адабиёт равшан намоиш медиҳанд.*

*Ин қабил ҷавонони фаъолу босавод, ки барои забти қуллаҳои баланд саъй доранд, барои миллионҳо нафар духтарону писарони мо шоёни ибратанд.*

*Дар мамлакати мо ба тарбияи насли навраси ҳамаҷониба пешқадам, таъмин сохтани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо, барои татбиқ гардидани иқтидорашон эътибори зиёд дода мешавад.*

*Зероояндаи Ватани мо, пешрафти он дар дасти ҷавонон ест, ки алҳол дар синфхона ва аудиторияҳои равшану фарох аз таҳти дил таълим мегиранд. Муътақидам, ки фардо ҳамаи онҳо дониш, истеъдод ва қобилияти худро барои он сафарбар менамоянд, ки Ўзбекистон беш аз пеш давлати муқтадир, пешқадам ва пурсаодат гардад.*

*Ҳоли ҳозир хатмкунандагонро мактабҳои зиёди олии замонавӣ, мактаб ва техникумҳои касбӣ интизоранд. Дар онҳо барои идома додани таҳсил ва соҳиби дониши амиқ шудан тамоми шароит муҳайё мебошанд.*

*Писарон ва духтарони азизи ман!*

*Шумо як қисмати таърихи пуршарафи Ватан ва халқи бузурги мо мебошед, ки фарҳанг ва анъанаҳои худро тӯли асрҳо ҳифз ва нигаҳдорӣ кардааст, шумо умед ва такягоҳи Ўзбекистони Нав ҳастед.*

*Аз орзу ҳеч гоҳ даст накашед, дар назди худ далерона мақсадҳои бузург гузоред ва нирӯву иқтидори худро ба кор баред, аз хатоҳо хулосаи зарурӣ бароваред. Халқи мо ба шумо бо умед менигарад, ба шумо бовар дорад.*

*Ғояҳо, ташаббусҳо ва ғайрати шумо қодиранд нафақат ҳаёти шумо, балки ҳаёти тамоми Ўзбекистонро тағйир диҳанд. Бинобар ҳамин ҳам ҳеч гоҳ аз саъю кӯшишҳои неки худ даст накашед.*

*Ҳар кадоми шумо бояд садоқати худро ба суннатҳое, ки омӯзгорону падару модарон дар ниҳодатон гузоштаанд, ҳифз кунед, саъй намоед, ки барои минбаъд ғанӣ гардонидани мероси бузурги халқамон,ояндаи дурахшони кишварамон саҳми худро гузоред.*

*Мо ворисони аҷдоди бузурге мебошем, ки ба олам илму маърифат, ғановати маънавӣ бахшидаанд. Донишҳои нодир, анъанаҳои меросгузоштаи ниёгонамон дар қалбу шуури мо идома доранд.*

*Алҳол мо аз идомадиҳандагони воқеии онҳо, ҷавонону духтарони бедордилу дорои иқтидори олии зеҳниву маънавӣ, ки бо комёбиҳои худ оламро ба ҳайрат меоваранд, барҳақ ифтихор менамоем.*

*Дар ҳаёт муваффақ шудан ба натиҷаҳои баланд, бидуни шубҳа, саъю кӯшиш ва ҷасорати доимиро тақозо дорад. Бовар дорам, ки шумо соҳиби дониши амиқ ва касбҳои замонавӣ гардида, ватанпарварони ҳақиқии Ўзбекистони азиз мешавед ва масъулиятро барои тақдири Ватан ба зиммаи худ мегиред.*

*Дар ин роҳи пуршараф ба ҳамаи шумо, азизони ман, бахту саодат ва комёбиҳо орзу мекунам.*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ,***
***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон***

# ПРЕЗИДЕНТИ ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ БО САФАРИ ДАВЛАТӢ БА ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН МЕОЯД

***Бинобар даъвати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 26-27 май Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин бо сафари давлатӣ ба кишвари мо меояд.***

Мувофиқи барномаи ташриф баргузории гуфтушунидҳо дар сатҳи олӣ пешбинӣ шудаанд.

Ба рӯзномаи мулоқоти пешистода масъалаҳои рушди минбаъда ва амиқсозии муносибатҳои шарикӣ ва тифоқии фарогири стратегии ўзбекистониву русиягӣ дохил карда шудаанд.

Ба вусъат додани ҳамкориҳои амалии тарафайн, пеш аз ҳама, зиёд кардани мубодилаи тарафайни мол, пешбурди лоиҳаҳои кооператсионӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, дастгирии барномаҳои ҳамкории инноватсионӣ, идома додани мубодилаи фаъоли фарҳангиву инсонпарварӣ эътибори махсус дода мешавад.

Бинобар натиҷаи гуфтушунидҳо қабул кардани маҷмӯи ҳуҷҷатҳои дуҷониба пешбинӣ гардидааст.

Сарони давлатҳо ҳамчунин дар ҷамъомади нахустини Шӯрои минтақаҳои Ўзбекистон ва Русия иштирок мекунанд.

Бояд қайд кард, ки дар арафаи сафар дар шаҳри Тошканд як қатор чорабиниҳои муштарак, аз ҷумла вохӯрии ректорони мактабҳои олии машҳури муҳандисиву техникӣ, конфронси илмию амалии тиббӣ ва Ҳафтаи санъати рус баргузор мешаванд.

**ЎзА.**

***Ба наздикӣ Президенти мамлакат бо корҳое, ки аз ҷониби Маркази лоиҳасозии Вазорати нигаҳдории тандурустӣ амалӣ мешаванд, ҳамчунин бо тақдимоти пешниҳодҳои нав шинос гардида, таъкид намуд, ки дар ҷомеа тарзи солими ҳаётро вусъат додан ва ба ин васила пешгирӣ намудани бемориҳо хеле муҳим мебошад.***

# ХАРИДУ ФУРӮШИ ВОСИТАҲОИ ДАВОӢ БА ТАРТИБ ОВАРДА МЕШАВАД

Воқеан, саломатии инсон сарвати бебаҳост. Бо дарназардошти ин бояд қайд кард, ки дар кишварамон солҳои охир барои ислоҳсозии соҳаи нигаҳдории тандурустӣ чораҳое татбиқ мегарданд, ки ба самтҳои аниқ нигаронида шудаанд. Аз ҷумла, тӯли ҳафт соли охир ҳаҷми маблағҳое, ки барои низоми нигаҳдории тандурустӣ ҷудо карда мешаванд, аз 5,9 триллион ба 33,5 триллион сӯм, яъне 6 баробар афзуд.

Дар давраи кутоҳи сипаришуда таъминот бо асбобу ускунаҳои замонавӣ ва технологияи баланд аз зинаи поёнии тиббӣ то зинаҳои баландтарини он беҳтар шуд, марказҳои махсусонидашудаи тиббии ҷумҳуриявӣ зуҳур карданд. Ин маънои онро дорад, ки доираи хидматрасонӣ вусъат пайдо кард, кори муттасили муассисаҳои дараҷаашон гуногуни тиббӣ ба роҳ монда шуд.

Бобати ба халқ қаринтар кардани хидматҳои тиббӣ шабакаи муассисаҳои низоми ягонаи тиббӣ васеъ шуданд, дар онҳо чорабиниҳои скринингӣ, низоми мувофиқи мақсади патронажӣ, тартиби «Поликлиникаи электронӣ» ҷорӣ гардиданд. Бахшҳои ҳудудии муассисаҳои махсуси илмиву амалии тиббии ҷумҳуриявӣ, ки ёрии тиббии баландтехнологӣ расонида метавонанд, ташкил шуданд, тиббиёти телевизионӣ ба роҳ гузошта шуд.

Бешубҳа, ҳамаи инҳо барои ҳифзи сиҳҳати аҳолӣ, мустаҳкам кардани саломатии модарону кӯдакон аҳамияти муҳим доранд.

Ба ин маънӣ, ҳар як пешниҳоди наве, ки дар тақдимот изҳор гардид, дар пояи амиқ омӯхтани мушкилоти низоми нигаҳдории тандурустӣ, зинаи аввалини тиббиёт ва низоми ёрии тиббӣ ба шаҳрвандон буд ва ба ҳаллу фасли масъалаҳое, ки кормандони соҳаро ба ташвиш меоваранд, бартараф сохтани камбудиҳое, ки бобати ҷорӣ намудани низоми суғуртаи давлатии тиббӣ ба миён омадаанд, беҳтар намудани бо воситаҳои давоӣ таъмин сохтани шаҳрвандон ва муассисаҳои тиббӣ нигаронида шуданд, ки хеле муҳим мебошад.

Бояд гуфт, ки барои коркарди пешниҳодоти мазкур коршиносони хориҷӣ ҷалб карда шуданд, истифода аз таҷрибаи онҳо ба тиббиёти миллии мо имкон медиҳад, ки ба меъёрҳои низоми байналхалқӣ мувофиқ карда шавад. Аз ҷумла, вазифаҳои шифокор ва ҳамшираҳое, ки дар зинаи ибтидоӣ фаъолият доранд, аз нав тақсим карда шуданд, то охири сол барои 7 навъи касалӣ ва ҳолате, ки бисёр дучор мешаванд маҷмӯи кафолатнок, инчунин 300 адад ҳуҷҷатҳои клиникӣ аз нав таҷдиди назар шуданд.

Ногуфта намонад, ки соли равон дар шаҳри Тошканд бинобар рақамикунонии соҳа бояд низоми нав ҷорӣ гардад, аз ҷумла тамоми муассисаҳои тиббии шаҳр бо компютер ва воситаҳои техникӣ муҷаҳҳаз карда шаванд, тартиботи «Поликлиникаи электронӣ» ва «Шифохонаи электронӣ» офарида, механизмҳои суғуртаи давлатии тиббӣ дар пояи низоми хидматрасонии ройгони тиббии барои аҳолӣ кафолатнок пурра роҳандозӣ шаванд, ки ба истифодаи самарабахши маблағҳои барои соҳа ҷудокардашуда имконият медиҳад.

Муҳимаш, ин ҳама аз ҳисоби андозҳои умумӣ амалӣ гардида, аз мизоҷон аъзобадалҳои иловагӣ ситонда намешаванд.

Дар «колл-марказ»-ҳои ёрии таъҷилӣ маслиҳати шифокор ба роҳ монда мешавад, гурӯҳҳои парамедик ва педиатрик ташкил карда хоҳанд шуд.

Ба ҳаёт татбиқ кардани таклифҳои мазкур ҳаракати беморонро дар поликлиникаҳо муратаб мекунад, вақти навбатпоиро ба шифокор ихтисор менамояд. Бемороне, ки ба давогирии статсионарӣ эҳтиёҷ доранд, метавонанд дар шифохона сари вақт даво гиранд, хариду фурӯши воситаҳои давоӣ ба тартиб андохта мешаванд, муҳлати ёрии таъҷилии тиббӣ коҳиш меёбад, ба бемороне, ки ба ёрии таъҷилии тиббӣ эҳтиёҷи зиёд доранд, ёрии оҷили тиббӣ расонида мешавад ва дар натиҷаи ин ҳаёташон ҳифз мегардад, пеши оқибатҳои вазнини касалӣ гирифта мешавад.

Хулоса, ба аҳолӣ беш аз пеш қарин кардани муассисаҳои тиббӣ, бо хидматҳои босифати тиббӣ фаро гирифтани тамоми табақаҳои аҳолӣ таъмин карда мешавад ва барои аз хидматҳои тиббӣ истифода бурдани шаҳрвандон замина фароҳам оварда мешавад. Аз ҳама муҳимаш, ҳар кадоми мо, пеш аз ҳама, бояд дар навбати аввал саломатии худро эҳсос намоем, масъулияти худро бинобар сиҳҳатии худ ҳаргиз аз хотир набарорем.

**Зумрад БЕКАТОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

# МУНОСИБАТҲОИ СТРАТЕГИИ ҲАМКОРИИ ТИФОҚӢ ИНКИШОФ МЕЁБАНД

***Муносибатҳои стратегии ҳамкории бародаронаи байни Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, ки аз санҷиши замон гузаштаанд, беш аз пеш ривоҷ меёбанд. Дар ин бобат иродаи қатъии сиёсии Президентҳои ду мамлакат ва муносибатҳои дӯстонаву ба эътимоди тарафайн асосёфта пойдевори муҳим мегарданд.***

Ин ҷиҳати ҳамкориҳо дар вохӯрии байни Раиси Сенати Ҷумҳурии Ўзбекистон Танзила Норбоева ва Раиси Жокорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон Нурланбек Шакиев эътироф гардид. Дар давоми ташрифи кории Раиси Сенат ба шаҳри Бишкек масъалаҳои беш аз пеш инкишоф додани ҳамкориҳои байни парлумонҳо муҳокима шуданд.

Аз ҷумла, ҳамкории байни Олий Маҷлис ва Жокорку Кенеш бобати фаъолтар сохтани кори комиссияи байнипарлумонӣ, кӯмакрасонӣ барои таъмин сохтани иҷрои мулоқоти дараҷаи олӣ бо дарназардошти идораи назорати парлумонӣ табодули афкор ба амал омад.

Ҳамчунин бинобар таъмин сохтани иштироки фаъоли депутатҳои маҳаллӣ дар чорабиниҳои Шӯрои роҳбарони вилоятҳои наздисарҳадии ду давлат, беҳтару бештар намудани самаранокии ҳамкориҳо таклифҳо пеш гузошта шуданд.

Дар анҷоми вохӯрӣ ҷонибҳо барои боз ҳам вусъат додани робитаҳои ҳамкорӣ дар чаҳорчӯбаи сохторҳои байналхалқии байнипарлумонӣ ба мувофиқа расиданд.

**Норгул АБДУРАИМОВА,**
**хабарнигори ЎзА.**



# ДАР СИРДАРЁ АВВАЛИН ТЕХНИКУМИ ТИББИИ ХУСУСӢ БА КОР САР КАРД

*Тавре ки сайти расмии ҳокимияти вилояти Сирдарё хабар медиҳад, дар шаҳри Гулистон нахустин техникуми тиббии хусусӣ, ки дар самти нигаҳдории тандурустӣ сабақ меомӯзонад, фаъолияти худро оғоз намуд. Ҳоло дар ин муассиса 150 нафар донишҷӯён дар равияҳои ҳамшира ва фелдшерӣ таҳсили илм мекунанд, ки дарояндаи наздик боз ба 80 нафар зиёд шудани шумораи онҳо пешбинӣ шудааст.*

*Муддати хониш дар таълимгоҳ 2 ва 3 сол буда, ба хатмкунандагон баробари диплом 3-то сертификат оиди саводхонии компутер, логопед ва масхҳгари бачагон супурда мешавад.*

# ДУЮМИН ФЕСТИВАЛИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ЧОЙ БАРГУЗОР ГАРДИД

***19-уми декабри соли 2019 Сарассамблеяи Созмони Милали Муттаҳид таърихи тӯлонӣ ва аҳамияти фарҳангиву иқтисодии чойро дар миқёси ҷаҳон ба эътибор гирифта, 21-уми майро Рӯзи ҷаҳонии чой эълон кард. Рӯзи ҷаҳонии чой дар соли 2024 таҳти шиори «Меҳрубонӣ ба бонувон дар миқёси ҷаҳон: аз кишти чой то ба пиёла рехтани он» гузаронида шуд.***

Донишгоҳи байналхалқии технологии Самарқанд низ ба муносибати рӯзи мазкур дуюмин фестивали байналхалқии чойро баргузор намуд.

Фестивал, ки бо мақсади рушд ва оммавигардонии маданияти чойнӯшӣ дар Ўзбекистон, тарғиби чойи асили Ўзбекистон дар қаламрави кишвар ва мамлакатҳои ҷаҳон, намоиши маданияти чой ва чойнӯшӣ дар тамоми ҷаҳон ташкил гардид, таҳти мавзӯи «Бо ДБТС чой нӯшеду лаззат баред» гузаронида шуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

***Чунин ном дошт чорабинии адабию маърифатие, ки 23 май дар Маркази ҷавонони шаҳри Бухоро ба амал омад. Дар ин тадбир, ки созмондиҳандагони он вазоратҳои корҳои дохилӣ, дифоъ, маданият, Иттиҳоди нависандагон, ҳокимияти вилояти Бухоро мебошанд, намояндагони соҳаҳои гуногун, хидматчиёни ҳарбӣ, оилаи онҳо ва ҷавонон иштирок карданд.***

# «МАНЗУМАИ ВАТАН»

Дар шабнишинӣ шеърҳои шоирони гузашта ва муосир оид ба Ватан, мардум, модар қироат гардид. Сипас, шоирони маъруф чакидаҳои эҷодии худро ба иштироккунандагони маҳфил ҳавола карданд. Суруду таронаҳои дилкаши санъаткорон бобати мадҳи диёр ба сомеъон писанд омад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки оромию осоиштагии Ватан, пойдории барқарории иҷтимоӣ, ҳамҷиҳатию оқибатнокӣ, фаровонию ҳаммаслакӣ, дӯстию ягонагӣ дар ин сурудҳо талқини худро ёфтааст.

Чорабинӣ бо суруди «Барои миллат, барои Ватан»-и сарояндагони ансамбли марказии суруду рақси Қуввaҳои Мусаллаҳ поён ёфт.

Бешубҳа, чунин чорабиниҳо баҳри афзун гардондани салоҳияти маънавию маърифатии посбонони Ватан, ҷавонон, инчунин иқтидори ҳарбии онҳо мадад мерасонад.

**А. АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# ДАР РОҲИ ҲУҚУҚ ВА МАНФИАТҲОИ ИНСОН

***Дар истироҳатгоҳи солимгардонии «Меҳргон»-и маҳаллаи Болои қитъаи дуюми ноҳияи Чуст таҳти мавзӯи «Ўзбекистон давлати иҷтимоӣ: дар роҳи ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон» вохӯрии «Мактаби Омбудсман»-и Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон бо шаҳрвандон баргузор гардид.***

Чорабинӣ бо ҳамкории ҳокимият, Шӯрои депутатҳои халқӣ ва прокуратураи ноҳияи Чуст созмон дода шуд. Дар он омбудсман оид ба ҳуқуқҳои инсон Фирӯза Эшматова ва ҷонишини ҳокими вилоят Динара Якубова иштирок намуданд.

Дар давоми вохӯрӣ ярмаркаи ҷойҳои холии меҳнат ташкил шуда, 41 нафар шаҳрванд ба кори доимӣ ҷойгир ва омӯзиши касбу ҳунар равона карда шуданд. Ба 12 нафар бекорон аз ҳисоби кумакпулӣ мошини дарздӯзӣ дода шуд. 28 нафар табибони соҳибмалака 500 нафар шаҳрвандонро аз муоинаи бепули тиббӣ гузаронданд.

Вохӯрии ҳимоятгарони ҳуқуқ ва сокинон натиҷабахшу хурсандиовар анҷомид.

**Ш. МИРЗОЕВ.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# МУАРРИФИИ ИҚТИДОРИ ФАРҲАНГӢ ВА САЙЁҲИИ ЎЗБЕКИСТОН

***Сафорати кишвари мо дар Пекин бахшида ба иқтидори фарҳангӣ ва сайёҳии Ўзбекистон тақдимот баргузор кард.***

Муаррифӣ дар доираи татбиқи Эъломияи муштараки сарони ду давлат, ки 18 майи соли 2023 дар шаҳри Сиан ба имзо расидааст, барномаи фарогири рушди шарикии стратегии байни Ўзбекистон ва Чин барои солҳои 2023-2027 ва созишномаҳое, ки дар рафти сафари сарвари давлатамон ба Хитой ба даст омадаанд, ташкил карда шудааст.

Дар чорабинӣ ширкатҳои бонуфузи сайёҳии Чин, арбобони фарҳанг, сайёҳӣ ва санъат, намояндагони ВАО ва блогерҳои шинохта иштирок карданд.

Меҳмонон иттилоъ доданд, ки айни замон ба шаҳрвандони 91 кишвари хориҷӣ ҳуқуқи ворид шудан ба Ўзбекистон бидуни раводид дода шудааст ва шаҳрвандони 57 давлат ба тариқи портали e-visa.gov.uz имкони гирифтани раводиди электронӣ барои ворид шудан ба кишвари моро доранд. Ҳамчунин зикр гардид, ки шаҳрвандони 48 кишвари ҷаҳон метавонанд ба муҳлати то панҷ рўз бидуни раводид ба Ўзбекистон ворид шаванд.

Таъкид гардид, ки аз 1 марти соли 2021 барои шаҳрвандони Чин дар Ўзбекистон ба муҳлати то 10 рўз тартиби бидуни раводид ҷорӣ шуда, шаҳрвандони аз 55-сола боло, ки бо мақсади сайёҳӣ омадаанд, ҳуқуқи буду бош дар кишвари мо бидуни раводид ба мўҳлати 30 рўз, шаҳрвандони то 16-сола ба мўҳлати на бештар аз 90 рўз доранд.

Ба иштирокчиён раванди тайёр кардани таоми миллии ўзбек – палав намоиш дода шуд. Барномаи фарҳангӣ низ намоиш дода шуд. Ба намояндагони Чин маҷаллаи махсус бахшида ба ёдгорихои буддоии Ўзбекистон супурда шуд.

**Менеҷери шуъбаи кадрҳои ширкати «Shaanxi Baiyuan Shengong» Чжан Минсзюан:**

— Имрўз мо дар муаррифии иқтидори сайёҳии Ўзбекистон ширкат варзидем.

Дар рафти чорабинӣ мо бо имкониятҳои нави сайёҳии кишвари шумо ва ислоҳоти дар ин самт татбиқшаванда шинос шудем.

Мо медонем, ки ҳамкориҳои Чину Ўзбекистон имрўз дар соҳаҳои гуногун фаъолона инкишоф меёбанд. Фарҳанг, анъана, таърих ва имкониятҳои сайёҳии Ўзбекистон ба мо имкон медиҳад, ки муносибатҳоямонро дар соҳаи сайёҳӣ боз ҳам таҳким бахшем.

**Директори ширкати сайёҳии «Meiya Silk Road Travel» Сон Ливэй:**

— Ширкати мо бо Ўзбекистон ҳамкории зич дорад. Мо мебинем, ки таваҷҷуҳи сайёҳони чинӣ ба шиносоӣ бо фарҳанги ғанӣ ва рушди муосири кишвари шумо меафзояд.

Дар рафти чорабинии имрўза дар сафорат ман маълумоти зиёде дар бораи тағйирот дар соҳаи сайёҳӣ гирифтам. Ман борҳо дар Ўзбекистон будам. Маданият ва меъмории он ҷо зебо буда, мардумаш меҳрубону меҳмоннавозанд. Дар Ўзбекистон барои сайёҳии зиёратӣ имкониятҳо мавҷуданд. Ёдгориҳои қадимаи буддоӣ дар мамлакати шумо эътибори сайёҳони Чинро ба худ ҷалб мекунанд.

Маҷаллаи махсусе, ки бо ташаббуси сафорати Ўзбекистон ба имкониятҳои буддизм дар Ўзбекистон бахшида шудааст, имрўз дар байни иштирокчиён таваҷҷуҳи зиёд пайдо кард.

Ширкати мо аз он хеле мамнун аст, ки дар рушди сайёҳӣ дар Ўзбекистон ва афзоиши гардиши сайёҳони чинӣ ба кишвари шумо саҳм мегузорад.

**Донишҷўйи Малайзия Мэй Тео:**

— Хеле шодам, ки дўстонам аз Ўзбекистон маро ба сафоратхонаи мамлакати шумо барои иштирок дар чорабинии бахшида ба имкониятҳои фарҳангӣ ва сайёҳӣ даъват карданд.

Бо дўстоне, ки аз Ўзбекистон дар Чин таҳсил мекунанд, дар бораи фарҳанг, таомҳои миллӣ, либос ва урфу одатҳои мардуми ўзбек зудзуд суҳбат кардем.

Таваҷҷуҳи ман ба Ўзбекистон беш аз пеш меафзояд. Ба ман оши палав ва мусиқии ўзбекӣ хеле писанд омад. Ман ҳатман ба Ўзбекистон меравам, мехоҳам ҷавонони Малайзияро бо имкониятҳои фарҳангӣ ва сайёҳии кишвари шумо шинос кунам.

**Намояндаи Бонки сармоягузории инфрасохтории Осиё Ин Чжан:**

— Ман аз иштирок кардан дар ин чорабинӣ хеле фахр мекунам. Аз иқтидори ғании таърихӣ, фарҳангӣ ва сайёҳии кишвари шумо мутаассир шудам.

Муносибатҳои байни кишварҳои мо таърихи тўлонӣ доранд ва аз замони Роҳи абрешими бостон идома доранд. Ният дорам, ки дар оянда ба Ўзбекистон сафар карда, ёдгориҳои таърихию фарҳангии он ҷо, иқтидори бузурги сайёҳии кишвари шуморо бубинам.

**АИ «Дунё»,**
*ПЕКИН.*

*Ғалла – 2024*

# ТАЙЁРӢ БА МАВСИМИ ҒАЛЛАДАРАВӢ

***Дар Бухоро бо мақсади табъи дил гузаронидани мавсими ғалладаравӣ семинар ба амал омад. Дар он алоқамандони соҳа ҷамъ омада, бобати ҳаллу фасл намудани масъалаҳои пешистода чораю тадбирҳо андешиданд.***



Аз ҷумла, бе каму кост гузаронидани мавсим, омода намудани комбайнҳои ғалладаравӣ ва автомобилҳои боркашон, сари вақт таъмин намудани онҳо бо қисмҳои эҳтиётӣ ва сўзишворӣ, созмон додани отрядҳо ва оқилона ташкил намудани фаъолияти ҳаррўзаи онҳо мавриди муҳокима қарор ёфтанд.

Таъкид ёфт, ки алҳол 182 комбайн ва беш аз 980 мошини боркашон омодаи кор гардида, корхонаҳои хидматрасонию таъминнамоӣ ва дигар воситаҳои техникии ёрирасон ба мавсим тайёр шудаанд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# САЙЁҲОН ЧАРО БА ШИРИ ШУТУР БЕШТАР ТАВАҶҶУҲ ДОРАНД?

***Пири ҳакимони Машриқзамин Абўалӣ ибни Сино дар китоби «Ал-қонун» дар бораи аҳамияти шири шутур маълумоти муфассал додааст. Он аз қадим натанҳо бо тамъи хуш, балки ба сифати як нўшокии серғизо байни мардуми Шарқ шуҳрат дорад. Дар вай микроэлементҳои оҳан мавҷуд буда, таркиби хунро тоза ва мубодилаи моддаҳоро дар организм ба танзим медарорад.***

Шутур ё уштур ҷинси ҳайвоноти ҷуфтсум ва ба оилаи шутуриҳо мансуб буда, ду намуди он маъмул аст: шутури яккуҳона (дромедар) ва шутури дукуҳона (бухтӣ). Шутур одатан дар минтақаи биёбон ва даштҳои иқлимашон хушк маскун аст. Дар ҷойи иқлимаш намнок зиндагӣ карда наметавонад. Ин ҷонвар алафҳоеро мехўрад, ки ҳайвоноти дигар онҳоро беиштиҳо мехўранд ва ё умуман намехўранд. Шутурҳо кам об мехўранд ва дар хоки тафсон (то+70 дараҷа селсия) баҳузур хоб мекунанд.

Ҳомилаи шутури дромедар 13 моҳ, бухтӣ бошад, 14 моҳ давом мекунад. Шутур дар ду сол як бор бача мезояд. Шутурбачаи навзод хеле лоғару камқувват буда, нигоҳубинии ҷиддиро тақозо мекунад. Чун вақту соати зоидани шутурмодар наздик шуд, шутурбонон гўшу ҳуш шуда, онро назорат карда меистанд, зеро вай чун модагов бачаашро худаш ўҳда карда наметавонад. Барои он ки шутурбача аз модар осебе набинад, шутурбон бояд хеле эҳтиёткор бошад. Давраи ширхорагии шутурбача 18 моҳ давом мекунад.

Дашту биёбонҳои бепоёни ноҳияҳои Томдӣ, Конимех, Учқудуқ ва Нуратои вилояти Навоӣ, ки он ҷо гиёҳи шутурхор ва рустаниҳои дигари хордори шифобахш месабзанд, ба шутурпарварӣ мусоидат мекунанд. Дар ин минтақаҳо аз шутурҳои дукуҳона: шутурҳои қалмиқӣ, қазоқӣ ва муғулӣ, аз яккуҳона бошад, асосан арвонаро парвариш мекунанд. Аз шутур шир, гўшт ва пашм мегиранд. Умуман шутурпарварӣ соҳаи фоидаовар аст. Аз шири шутур қумрон, равған, панир тайёр мекунанд. Дар як сол аз дромедар 2000 кг (аз зоти арвона зиёда аз 4000 кг) ва аз бухтӣ 750 кг шир медўшанд. Пашми шутур то 85 % тибит дорад, ки аз он матоъҳои нафис мебофанд. Аз бухтӣ 5-10 кг, аз дромедар 2-4 кг пашм метарошанд.

Соҳибкорони минтақа, ки ба шутурпарварӣ машғул мебошанд, дар бошишгоҳҳои худ барои қабули сайёҳон хонаҳои сайёр бунёд кардаанд. Ба ин манзилҳо сайёҳони зиёди дохиливу хориҷӣ ташриф меоваранд. Ин ҷо натанҳо беморон, балки сайёҳон низ аз шири шутур истеъмол мекунанд. Шири шутур одатан фасли баҳор ва тобистон серғизо ва бештар шифобахш аст.

Илми тиб собит намудааст, ки шири шутур ба бемориҳои саратон, диабети қанд, гепатит, бемориҳои дил, фишор, баланд бардоштани иммунитет ва барои табобати якчанд намуди дигар бемориҳо муфид аст.

Шутурпарварӣ таърихи аҷиб дорад. Ҳанўз ду ҳазор сол пеш одам хислати ин ҷонварро омўхта, онро ба худ ром кард. Шутур ба хушксолию камобӣ тобовар аст, онро ба корвон ҳамроҳ намуда, ҳамчун воситаи боркашонӣ дар сафарҳои дур низ истифода мекарданд. Дар дашту биёбон шутурҳо асосан шутурхор ва гиёҳҳои хордори шифобахшро мехўранд. Алафу гиёҳҳо дорои миқдори зиёди минералҳо ва моддаҳои биологиянд, ки ба таркиби шири шутур мегузаранд. Сабаби шифобахшии ширашон ҳам ҳамин аст. Аз шири шутур барои тайёр кардани ҳар гуна шириниҳо ва маводи хўроквории истифода мебаранд.

Мисолан, мувофиқи маълумот дар Швейтсария шири шутурро барои тайёр кардани шоколади болаззат истифода мебаранд. Дар Арабистон аз шири шутур какао ва дар Ҳиндустон яхмос тайёр мекунанд.

Шири шутур аз витаминҳои B1, B2, оҳан, фосфор ва калсий ғанӣ аст. Витаминҳои C ва D дар шири шутур нисбат ба шири гов се маротиба зиёданд. Иммунитети бемор паст бошад, бояд ҳар рўз 0,5 литр шири навдўшидаи шутур нўшад.

Шири шутурро дар шиками гурусна нўшидан лозим аст. Вақте ба мақсади табобат шири шутур менўшанд, бояд аз хўрокҳои талх, шўр, дуддодашуда ва консервҳои гуногун, инчунин аз нўшидани машрубот ва тамокукашӣ худдорӣ намоянд, зеро парҳез таъсири шифобахшии шири шутурро зиёдтар мегардонад.

Ин аст, ки соҳибкорони хоҷагиҳои шутурпарварии вилояти Навоӣ ба парвариш ва ривоҷи шутурпарварӣ таваҷҷуҳи зиёд доранд, то талаботи мизоҷонро бо шири шутур таъмин намоянд.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*



# ҶАШНВОРАИ «ЛАЗГӢ» САНЪАТИ РАҚСИ ЎЗБЕКИСТОНРО ТАРҒИБ МЕНАМОЯД

***Намояндагони Куриёи Ҷанубӣ, ки 25-30 апрели соли равон дар Фестивали II байналмилалии рақси «Лазгӣ» дар шаҳри Хива ширкат доштанд, таассуроти худро бо мухбири агентии «Дунё» баҳам диданд.***

– Ҷашнвораи «Лазгӣ», ки бори нахуст соли 2022 таҳти сарпарастии ЮНЕСКО баргузор шудааст, сол аз сол шумораи бештари иштирокчиёнро ҷалб намуда, дар ҳифзу таблиғи рақси нотакрор ва густариши робитаҳои фарҳангии байналмилалӣ мусоидат менамояд, – иброз дошт раиси филиали сувонии фонди рақси «Бохун», муовини раиси Ассотсиатсияи рақси Куриёи Ҷанубӣ ва директори академияи рақс О Мин Гён. – Ҷашнвора барои мубодилаи таҷрибаи маданӣ ва намоиши санъати мо ба минбари беназир табдил ёфт. Мо шодем, ки тавонистем дар ин рўйдоди муҳим саҳм гузошта, бо мероси ғании фарҳангии дигар кишварҳо ошно шавем.

– Ҷашнвораи «Лазгӣ» на танҳо санъати рақси Ўзбекистонро таблиғ мекунад, балки равобити байналмилалиро таҳким мебахшад, – иброз дошт намояндаи гурўҳи рақс Алам Хон. – Мо ифтихор дорем, ки як қисми ин чорабинӣ ҳастем ва фарҳанги худро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ мекунем.

– Иштирок дар ин ҷашнвора барои ман як таҷрибаи бебаҳо буд. Ман бо бисёр раққосони боистеъдод аз манотиқи мухталифи ҷаҳон вохўрдам ва барои эҷодиёти худ ғояҳои нав ва илҳоми зиёде ба даст овардам, – гуфт раққоса Пак Хе Ээ-им, ки дар бахши «Беҳтарин рақси яккахонӣ» дар ҷашнвора ҷои дуюмро гирифтааст.

Котиби генералии минтақаи Осиёи Ташкилоти байналхалқии эҷодиёти халқ, мушовири Созмони байналхалқии туркҳо (ТУРКСОЙ) оид ба минтақаи Осиё ва укёнуси Ором Мун Хён Сок, инчунин Канг Сунок, ки ба сифати аъзои ҳаками «Лазгӣ» иштирок доштанд, аҳамияти ин чорабиниро барои таҳкими табодули фарҳангӣ ва рушди санъати рақс дар сатҳи байналмилалӣ таъкид карданд.

**АИ «Дунё»,**
*СЕУЛ.*

# ПУЛИ НАВИ ҲАВОИИ БОРКАШ КУШОДА МЕШАВАД

***Дар охири моҳи июн – аввали моҳи июл дар назар аст, ки нахустин парвози боркаш миёни Ўзбекистон ва Латвия оғоз шавад.***

Бино ба иттилои сафорати Ўзбекистон дар Рига, дар доираи афзоиши ҳаҷми содирот ба кишварҳои Иттиҳоди Аврупо сафари ҳайати ширкати ҳавопаймоии ватании «Fly Khiva» бо роҳбарии директори генералӣ Дилшод Хоҷаев ба Латвия ташкил карда шуд.

Ҳайат дар вазорату идораҳои дахлдори Латвия, инчунин бо роҳбарияти Раёсати ҳамлу нақли байналмилалии бор дар фурудгоҳи Рига мулоқотҳо доир намуда, дар рафти он ҷониби Латвия ба роҳандозии робитаҳои боркашонӣ байни кишварҳо изҳори ҳавасмандӣ намуд.

Кори муштарак оид ба масъалаи ба роҳ мондани ҳамлу нақли байналмилалии боркаш дар масири Ўзбекистон-Латвия бо тавсеаи минбаъда ба дигар шаҳрҳои бузурги Балтика оғоз шуд.

Даҳлези нави ҳавоӣ ҳангоми аз Ўзбекистон ба Латвия ва дигар кишварҳо содир намудани меваву сабзавот, маҳсулоти бофандагӣ ва дигар фаъол истифода мешавад.

**АИ «Дунё»,**
*РИГА.*

## *ХАБАРҲО*

### ИДОМАИ АНЪАНАҲОИ «УСТОД-ШОГИРД» ДАР СОҲАИ ИЛМУ ТАЪЛИМ

***Дар доираи Ҷашнвораи гулҳо, ки дар шаҳри Намангон баргузор мегардад, таҳти ҳамкории Институти муҳандисӣ-технологии Намангон бо ҳокимияти вилоят, Фарҳангистони улуми Ўзбекистон ва Вазорати таълими олию миёнаи махсус конгресс таҳти мавзўи «Академик ва ҷавонон: рушди илму фанро ҷавонон ба вуҷуд меоваранд» рўйи кор омад.***

Дар анҷумане, ки ба офаридани инфрасохторҳои замонавӣ барои фаъолияти илмию инноватсионӣ,- таҳкими интегратсияи илму фан ва истеҳсолот нигаронида шуд, ректорҳои як қатор муассисаҳои таълими олии ҷумҳурӣ, академик ва профессорҳо, вакилони илму фан, ки дар пажўҳишгоҳҳо тадқиқот мебаранд ва ҷавонон-донишҷўён иштирок намуданд.

Дар маҷлиси умумии анҷуман ҷонишини ҳокими вилояти Намангон Ғуломҷон Муродхўҷаев оиди моҳияти консепсияи рушди илму фан то соли 2030, ки бо ташаббуси роҳбари давлати мо корбаст шудааст, мавқеъ ва натиҷаҳои он дар ҳаёти ҷамъиятӣ сухан ронд.

Гуфта мешавад дар рафти гунгура мулоқоти кушоди олимони ҷавони водии Фарғона бо олимони номдори ҷумҳурӣ, намоиши лоиҳаҳои илмиву инноватсионӣ, дарсҳои маҳорат, суҳбатҳои даврӣ самаранок сурат гирифт. Чорабинӣ ба анъанаҳои «Устод-шогирд» мазмуни тоза бахшид.

### ҲАМКОРИИ ЖУРНАЛИСТОНИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ҲИНДУСТОН

***Аҳли қалами мамлакати ба диёри мо аз қадим дўст – Ҳиндустон борҳо меҳмони адибон ва журналистони ўзбекистонӣ шуда, бо таассуроти рангин баргаштаанд. Дар навбати худ намояндагони кишвари мо ба ин диёр мераванд, робитаҳо дар ин самт торафт мустаҳкам мегардад.***

Ба наздикӣ як гурўҳ журналистони мо ба Деҳлӣ рафтанд. Байни Иттиҳоди журналистони Ўзбекистон ва Пресс-клуби Ҳиндустон меморандум ба имзо расид. Дар чорабиние, ки ба ин муносибат рўйи кор омад, вакилони ВАО Ҳиндустон ва журналистоне, ки аз Ўзбекистон рафтаанд, ҳамчунин масъулони сафоратхонаи мо дар он кишвар иштирок намуданд.

Сафири Фавқулода ва Мухтори ҷумҳурии мо дар Ҳиндустон Сардор Рустамбоев, сармуҳаррири рўзномаҳои «Янги Ўзбекистон» ва «Правда Востока» Салим Дониёров, иҷрогари вазифаи раиси Иттиҳоди журналистони Ўзбекистон Холмурод Салимов оиди ислоҳоти кулл, ки таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев дар Ўзбекистон ба амал бароварда мешавад, аз ҷумла, дигаргуниҳо дар майдони матбуот, озодии сухан, таъмини рўшодӣ, имконият ва имтиёзҳое, ки барои вакилони ВАО офарида шудаанд, баромад намуданд.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

### АНЪАНАИ «УСТОДУ ШОГИРД» ИДОМА ДОРАД

***Дар Бухоро бо иштироки роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи вилоят, инчунин, кормандони ҷавону собиқадорони меҳнати Садорати вилоятии вазъиятҳои фавқулода «вохўрии се авлод» ба амал омад.***

Дар чорабинӣ прокурори вилоят Улуғбек Ҳамдамов, сардори Садорати корҳои дохилии вилоят Икромҷон Турсунов, роҳбарон, аъзоёни «Шўрои фахриён», хидматчиёни ҳарбии Садорати вилоятии вазъиятҳои фавқулода бо аҳли оилаашон иштирок карданд. Дар давоми вохўрӣ бо хидматчиёни ҳарбӣ ва аҳли оилаи онҳо суҳбат ба амал омад.

Басуханбаромадагон чун дар дигар соҳаҳо ба хидмати рўзмарраи ҳарбӣ низ самараи дилхоҳ додани анъанаи «устоду шогирд»-ро таъкид карданд. Дар ҷараёни чорабинӣ ба 35 нафар фарзандони хидматчиёни ҳарбӣ барои дохилшавӣ дар равияи бакалавриати таълими рўзонаи муассисаҳои таълими олӣ бинобар квотаҳои иловагӣ тавсиянομаҳо супорида шуданд.

Дар мулоқот ба як гурўҳ хидматчиёни ҳарбӣ рутбаи навбатии ҳарбӣ ба тарзи тантанавӣ супурда шуд.

**А.АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Бухоро.**

### ИКДОМИ НЕК

***Маркази маъмурии вилояти Қашқадарё – шаҳри Қарширо имрўзҳо беш аз 130 ҳазор атргулҳои рангоранг зеб медиҳанд.***

Қаламчаи ин гулҳои зебо ва хушбўйро аввали фасли баҳорон дар чаҳорчўби лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» ба тариқи ҳашар шинонда буданд. Ҳоло кўчаҳои Буюк Турон, Мустақиллик ва ба номи Ислом Каримов дар оғўши гулҳои рангоранг қарор дошта, ба зебоии шаҳр меафзоянд. Ҳукумати шаҳри Қаршӣ ният дорад, ки ба ҷуз аз сохтаву ба истифода додани биноҳои хуштарҳи истиқомативу маъмурӣ ҳамасола маркази вилоятро ба чаманзори ҳақиқӣ мубаддал созад. Ин иқдоми нек солҳои минбаъда дар ҷодаҳои дигари шаҳр низ идома хоҳанд кард.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Қашқадарё.**

### ОЗМУНИ БАХШИҲО

***Дар ноҳияи Қўшработи вилояти Самарқанд таҳти мавзўи «Нақши эҷоди Эргаш Ҷуманбулбул ўғли ва мероси адабии мактаби достонсароии Қўрғон дар рушди маънавӣ-фарҳангии Ўзбекистони Нав» конфронси байналмилалӣ ва озмуни ҷумҳуриявии бахшиҳо баргузор гардид.***

Дар ин чорабинии бонуфуз, ки дар ноҳия бори аввал гузаронида шуд, бахшиҳои шинохта, олимони Туркия, Озарбойҷон, Қазоқистон, Тоҷикистон ва Ўзбекистон, ки дар ривоҷи санъати бахшӣ саҳм мегузоранд, шоиру нависандагон, аҳли фарҳанг ва намояндагони ҷамоатӣ иштирок карданд.

Дар анҷуман олимони хориҷӣ доир ба эҷодиёти даҳонакии халқи ўзбек, аз ҷумла, санъати бахшӣ фикру мулоҳизаҳои худро баён карданд.

Дар озмуни бахшиҳо, ки дар байни ҷавонони аз 7 то 18-сола ва аз он калонтар ташкил карда шуд, аз минтақаҳои гуногуни кишвар қариб 100 нафар бахшӣ маҳорати худро санҷиданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Самарқанд.**




*Аз таърихи мактаб*

# ЗАНГИ ОХИР ДАР ДАРГОҲИ МУҚАДДАСИ МО

Бошандагони деҳаи Қизимчаки (Сарчашма) ноҳияи Шаҳрисабз ҳамеша барои хату савод омӯхтани фарзандони худ кӯшиш мекарданд. То охири солҳои 20-уми садаи ХХ дар назди чор масҷиди деҳа мактабҳои кӯҳна фаъолият нишон медоданд. Ба фарзандони деҳа домулло – имомҳои масҷид, ки шахсони фозиле будаанд, навиштану хондани ҳуруфи арабиасоси форсӣ, хондани Ҳафтяк, Қуръони маҷид, Чаҳоркитобро меомӯзонданд. Хондан маҷбурӣ набуд ва падару модар бо хости худ домуллоро интихоб мекарданд. Духтаронро дар хона илм ва асрори рӯзгор меомӯзонданд. Ҷавонони ташнаи илм пас аз хатми мактаби кӯҳнаи деҳа таҳсилашонро дар мадрасаҳои Шаҳрисабз, Бухоро ва Самарқанд давом медоданд. Нақл мекунанд, ки мулло Тилак 17 сол дар мадрасаи Бухоро таҳсил гирифт ва ба деҳаи Сарчашма баргашта мударрис шуд. Як қисми зодагони деҳаи мо он солҳо ба деҳаҳои ҳамсоя ва минтақаҳои гуногуни Аморати Бухоро рафтаву ба кори тадрис машғул гаштаанд. То ҳол аҳолии деҳаи мо номи Мулло Рӯзӣ, Мулло Чоршанбе, Мулло Ҷумъа, Мулло Субҳон, Мулло Аҳмад, Мулло Қаландар, Мулло Йӯлдош ва ғайраро бо эҳтироми хос ба ёд меоранд. Ин фарзандони фарзонаи Сарчашма чашмаи хурӯшони илму дониш будаанд ва то оғози табаддулоти давлативу шурӯи ҳукумати шуравӣ дар мактабҳои назди масҷидҳо машғули мударрисӣ будаанд. Пас аз ҷорӣ шудани тартиботи нав намояндагони ҳукумати шуравӣ ба ташвиқоти идеологияи худ шурӯъ карда, бо масҷидҳо ҷанги беамоне эълом карданд. Ин тавр, мактабҳои назди масҷид аз фаъолият бозмонданд. Дар деҳаи Сарчашмаи ноҳияи Шаҳрисабз бо раҳбарии намояндаи ҳукумати нави болшевикӣ Ортуқ Халилов, ки дар байни мардуми мо бо номи Мирзо Артуқ машҳур ва аслан зодаи вилояти Фарғона будааст, аз соли 1928-1929 сар карда мактаби нави замонавӣ кушода шудааст.

Падарам Намоз Чоршанбиев (равонашон шод бод) нақл карда буданд, ки дар хурдсолӣ дар дабистони назди масҷиди маҳалла таълим гирифтааст ва ба онҳо Мулло Шом ном шахси босаводе дарс додааст. Писари Мулло Шом ҳанӯз дар қайди ҳаёт буда, 101 сол дорад ва бошандаи деҳаи Оқдарёи ноҳияи Шаҳрисабз аст. Падарам гуфта буд, ки дар мактаби Мулло Шом шаш-ҳафт сол таҳсил дида, таълими минбаъдаро дар мактаби усули нав идома додааст. Аз сабаби мавҷуд набудани бинои мактаб хонандагон то соли 1933 таҳсилро дар меҳмонхонаҳои сокинони деҳа, ба монанди Мулло Тилак, Ёрбой, Эшонқулбой, Қаноатбой... мегирифтанд. Бо сардории Мирзо Артуқ ва котиб Фатҳулло Шарипов бинои мактаби нав бо роҳи ҳашар сохтаву ба истифода дода шуд. Муаллимон аз дигар минтақаҳо омадаву ба фарзандон дарс медоданд. Онҳо намояндагони миллатҳои рус, укроин, яҳудӣ ва уйғур буданд. То ҳол мардуми деҳа номи Қодирови бухороӣ, Зайниддинови уйғур, Фахриев, Зокиров, Абдуллоев, Мақсадови ӯзбек, Попов, Антоненко, Морозова, Суракова, Герасимова, Карпенко, И. С. Борзов , Байбакова, Маловаи русу укроин, Бобоев, Якутилов, Исҳоқова, Пинхасов, Натанов, Исахоров, Мордухаева, Мушаев, Бекирова, Исроилова ва Қотонови яҳудиро бо эҳтиром ба ёд меоранд.

Минбаъд шумори хонандагон бо суръат зиёд мегардид. Ин талаботро ба назар гирифта, замони роҳбарии Намоз Чоршанбиев (соли 1963), Муҳиддин Ибодов (1968) ва Наҷмиддин Мустафоев (1988-1990) мардуми маҳал ҳашар кардаву иловатан синфхонаҳо бунёд карданд. Бояд таъкид кард, дар солҳои ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар назди мактаб Интернат кушода шуд ва мактаби деҳа ба маркази илму маърифатомӯзии тоҷикони деҳаҳои Суммак, Ошиқон, Ҷавз, Деҳнавболо, Сиёб, Сӯқар, Аспидухтар, Қавзақхонаи ноҳияи Китоб ва деҳаҳои Чунгурак,Чаккӣ, Ҳисорак, Яккахона, Дуоба, Ғелон, Кӯл, Тамшушу Нондеки ноҳияи Шаҳрисабз мубаддал гардид. Фарзандони аҳли деҳаҳои номбаршуда то солҳои 80-уми асри ХХ дар интернати деҳаи Сарчашма истиқомат ва дар мактаби он таълиму тарбият мегирифтанд. Мактаби рақами 2-юми ба номи К. Маркси деҳаи Сарчашма баъдтар ба мактаби рақами 57-уми ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ табдили ному шумора кард ва бешак як маркази илму маърифат ва зиёда аз он «донишгоҳ»-е маҳсуб меёфт, ки дар байни макотиби таълимашон тоҷикии минтақа намунаи ибрат буд.

Дар мактаби деҳаи Сарчашма устодони баландихтисосе ба шогирдон дарс мегуфтанд ва номи бархе аз онҳоро чун муште аз хирвор зикр месозем. Аз ҷумла, Шер Мирзоев, Бегим Мустафоев, Ҳасан Чоршанбиев, Иноят Қурбонов, Бегалӣ Алиев, Абдулло Чоршанбиев барин омӯзгорони фидоии соҳаи маориф дар мактаб фаъолият доштанд. Дар мактаби деҳа аз рӯзи бунёд гардидан то ба ин сӯ 26 тан аз мардони фарзона раҳбарӣ кардаанд. Онҳо Олимҷон Ёдгоров, Қодир Абдуллоев ва Раҷабов мактаби деҳаи Сарчашмаро раҳбарӣ кардаанд. Аз байни 26 роҳбари мактаб 12 нафарашон кадрҳои маҳаллӣ будаанд ва боқӣ аз Шаҳрисабз ва деҳаҳои Ғелон, Ҳисорак ва Бешбек ҳастанд. Ин раҳбарон дар ривоҷи таълиму тарбият ҳиссаи муносиб гузоштаанд ва мардуми маҳаллӣ ҳамеша дар ҳақашон суханҳои нек мегӯянд.

Аз байни хатмкардагони мактаби рақами 57 номзадҳои илм, докторҳои фан, профессорони зиёде арзи ҳастӣ намудаанд, ки дар ҷабҳаҳои мухталифи ҷомеа фаъолият доранд.

Ҳар сол дар ин мактабе, ки аз таърихи гузаштаи дураш ҳикоя намудем, занги охир ботантана садо медиҳад. Парастуҳои он ба ҳаёти мустақилона қадами аввали худро мегузоранд.

Дар замони истиқлолият, хоса дар солҳои Ӯзбекистони Нав муносибат ба таълим ва маорифи халқ комилан тағйир ёфта, эътибори ҳукумат ба ин соҳаи барои ҷамъият муҳим баланд шудааст. Умедворем, ки аз ин имконияти васеъ фарзандони мо ба таври бояду шояд истифода мекунанд ва корнамоии ҳамдеҳагони шарафманди худро дар бобати омӯхтани илмҳои замон идома медиҳанд.

**Баҳром ЧОРШАНБИЕВ,**
**сокини деҳаи Сарчашмаи ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарё.**

*Минбари донишҷӯ*

## «ҲАР КӢ Н-ОМӮХТ АЗ ГУЗАШТИ РӮЗГОР...»

Агар барои қабои сабз ба бар намудани замин баҳор лозим бошад, пас барои сабз гаштани таманнои инсон устод рамзи баҳор аст. Оре, бе устод кас наметавонад аз доираи тафаккури маҳдуд берун гашта, оламу одамро дарк намояд. Дар ин хусус шоир гуфтааст:

*Ҳеч кас аз пеши худ чизе нашуд,*
*Ҳеч оҳан ханҷари тезе нашуд...*

Маро ба касби муаллимӣ устоди меҳрубонам Шаҳриддин Тилабов ҳидоят намудааст. Ӯ зодаи деҳаи Полвонаки ноҳияи Бӯстонлиқ мебошад. Даставвал сабақи забон ва адабиёти тоҷикро аз Шоҳрух Тоҷибоев гирифтаам.

Ҳар ду устоди ман ҳоло дар мактаби таълими миёнаи умумии рақами 47-уми ноҳияи Бӯстонлиқ кор бурда истодаанд. Аз қадим бузургони илму адаб ба муаллим эҳтироми хосса дошта, дар мавриди зарурат ба ин шахсияти беназир муроҷиат мекарданд. Онҳо дар симои муаллим шахси донишманду фозил ва равшанзамиру барнодилро медиданд.

Муаллими аввалин, чи тавре ки аз номаш бармеояд, онест, ки ба кас хату савод омӯхта, дари бахту саодатро боз мекунад. Барҳақ гузаштагони фозили мо ҳаққи устодро аз падар бештар донистаанд:

*Ҳаққи устод аз падар беш аст,*
*В-аз падар устод дар пеш аст.*

Муаллими аввалини ман падар аст. Ҳар чизеро, ки то даврони мактабхонӣ медидам, аз ӯ мепурсидам. Падар бо суханҳои ширину латиф ҳар як ашёи оламро ба мани кунҷкоб ошно месохт. Муаллими дигар ин худ зиндагист, ки касро ба баду неки ҷаҳони фонӣ ошно месозад. Аммо хидмати омӯзгор дар ин самт бештар аст, зеро маҳз ӯ дари илму донишро ба рӯи кас боз карда, дунёи тафаккури шахсро бо тозагулҳои муаттари маърифат зиннат медиҳад.

Деҳқону муҳандис, духтуру шоир ҳама парвардаи оғӯши биҳиштосои омӯзгоранд. Тобиши зиндагӣ бори дигар собит сохт, ки давлати муаллим тарбияи шогирдон аст. Ӯ аз пешрафт ва комёбии эшон ифтихор мекунад. Хушбахтона, дар мушкилтарин даврони рӯзгори мо омӯзгорон ҳамеша дар хидмати халқу Ватан қарор доштанд. Ҳарчанд ба шароити гарони зиндагӣ рӯ ба рӯ омадаанд, аммо мардона дар бунёди манораи ақлҳо саҳми шоиста гузоштаанд.

Аз ин рӯ, эҳтироми устод вазифаи муқаддаси ҳар як инсон аст. Ҳаёт бошад, давоми мантиқии дарси муаллим. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ фармудааст:

*Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,*
*Низ н-омӯзад зи ҳеч омӯзгор.*

**Сиёвуш ҲИКМАТУЛЛОЕВ,**
**донишҷӯйи курси 1-уми ДДОЧ.**

## РИВОЯТ

Ривоят мекунанд, ки замоне чун нахустин муаллим ба дунё омад, ба сари гаҳворааш се фаришта ҳозир шуданд.

Фариштаи аввал гуфт:

– Ту як умр ҷавон хоҳӣ монд. Барои он, ки дар назди ту ҳамеша кӯдакону наврасонанд.

Фариштаи дуюм:

– Ту бо афкору қалбат зебо хоҳӣ буд, зеро нест муқаддамтар аз амале, ки ҳастиву қалби худро ба кӯдакон бахшанд.

Фариштаи сеюм илова кард:

– Ту умри ҷовидон хоҳӣ дид, зеро умри худро дар симои шогирдонат идома хоҳӣ дод...

## БУЗУРГОН ДАР БОРАИ МУРАББӢ

Ман бандаи онам, ки бароям алиф омӯхтааст. Бигзор, ӯ бо ман ҳар чӣ хоҳад бикунад: хоҳад як умр кор фармояд, нахоҳад, озод бикунад.

**(Ҳазрати АЛӢ)**

Ифтихори омӯзгор аз шогирдонаш — аз нашъунумӯъи тухмиҳоест, ки худ ба замини зеҳни онҳо пошидааст.

**(Д. МЕНДЕЛЕЕВ)**

Саодати омӯзгор ва фароғату осудагии давлатҳо ба тарбияи хуби ҷавонон иртиботи ногусастанӣ дорад.

**(А. АВЛОНӢ)**

Тарҷума ва таҳияи
**А. КОМРОН.**

## ЗАНГИ ОХИРИН САДО МЕДИҲАД, БА САҲИФАИ ОХИРИНИ КИТОБИ БАЧАГӢ НУҚТА ГУЗОШТА МЕШАВАД...



*Бонги занги охирин оҳиста шав,*
*Бо садои зиндагӣ пайваста шав.*
*Бо садои беғубори кӯдакӣ,*
*Бо садои тобдори зиндагӣ.*

*Алвидоъ, эй панҷу чори кӯдакӣ,*
*Хайра мақдам, панҷу чори зиндагӣ...*
*Рост кардӣ каҷмакаҷ хатҳои ман,*
*То нависам рост таърихи Ватан...*

## АВВАЛ ДАРСИ МАКТАБ, СОНӢ ДИГАР...

Карим баъди дарс ба хонааш мерафт. Ӯ ташнаи илму дониш аст ва шарикони аълохонаш низ хеле зиёд. Аз бесарусомониҳои бархе ҳамсинфонаш ба ваҷд омада, ба андешае банд шуд: аҳли синфамон дар дарс аълохону хушахлоқ буданд. Рӯзҳои охир чун раиси маҳалла сермуаммо менамоянд, лек муаммое надоранд. Вақти таълими ибтидоӣ аз 25 нафар қариб 20 нафар бо баҳои аъло мехондем. Дар хондан ва мусобиқаҳо пешсаф будем. Имрӯзҳо бо кадом сабаб бошад, ки вазъият аз баландӣ ба пастӣ чун тӯби ғелон меравад. Яъне, аксаран ба дарсҳо бетайёрӣ меоянду хоҳиши шунавандагӣ надоранд.

Ҳамин дам аз мағозаи маҳалла муаллими адабиёт намоён шуд. Аз устодамон пурсам, канӣ, чӣ сабаб бошад? Дарҳол воҳӯрду вақти суҳбат гапи муаллимро бурида саволашро гуфт:

– Устод, сабаби ба дарсҳо беэътибор будани ҳамсинфонро дар чӣ мебинед?

– Албатта, яке аз омилҳои пастравии дониши насли наврасамон олами интернет асту навозишҳои беасоси пайвандон. Чунки донишомӯзони баъзе муассисаҳои таълимӣ қобилияти шунавандагӣ надоранд. Ба ном мактаб меоянду чун ҳайкал дар дарс иштирок мекунанд. Фақат ва фақат ёду ҳушашон дар телефону интернет. Лоақал аз телефону интернет дар сатҳи меъёри муайян истифода карда, натиҷае ба даст наоварданд. Гӯё «телефонбозӣ» асоси ҳаётро ташкил мекунаду нон медиҳад. На, агар ба олами интернет ба мақсади хуб ворид нагардем, зарбаи сахту хатар моро интизор аст. Ин зарбаро табобат кардан хеле душвор, ки аз таъсири манфии он одам бераҳм ҳам мешудааст. Зеро ин ҳол миллату халқро аз қадриятҳои миллӣ дур ва кӯр карда истодааст. Масалан, бемақсад соатҳо тамошо кардани лавҳаҳои бемантиқ ва худдорӣ аз китобхонӣ. Ё ин ки духтарҳои синфҳои болоии мактабро баъзе волидон сарбанд мекунанду ақлу ҳуши онҳо аз дарс рӯ мегардонад. Дар айни ҳол духтар суратан донишомӯз, лек сиратан ӯ ба оилабунёдкунӣ, хаёлҳои хоми печони он банд. Ин ҳаракати бархе аз ҳамзамононамон, мутаассифона, ба захролудшавии дигарон низ таъсири манфӣ мерасонад. Ба фикрам, комилан тарбия нагирифта дигар ҷамъиятро тарбия кардан амри муҳол аст. Ногуфта намонад, ки айёми мактабхонӣ аввал дарси мактабӣ, сонӣ дигар корро роҳандозӣ кардан наҷот ва саодати олам аст, – гуфт муаллими адабиёт.

**Ҳотамалӣ РАҲМАТОВ,**
*ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.*

# «БУХОРОИ ШАРИФ» ВА КОРИ ТАЪЛИМ

Сайру саёҳат, ташриф ба кишварҳои гуногун, шиносоӣ бо муҳит, рушду нумӯъ ва вазъи зиндагии мардум, қиёс намудани ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоию мадании кишвари худ бо он давлатҳо ҷаҳонбинӣ ва маърифати инсонро рушду такомул бахшад. Ин ҷараёнро мо дар фаъолияти поягузори маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна Аҳмади Дониш дар нимаи дуюми садаи 19 хуб мушоҳида менамоем. Ду сафари ӯ ба Русия, хосатан сафари дуюмаш, ки тараққиёти Русияро нағз меомӯзад, самаранок буд. Орзуи Дониш ин буд, ки Бухорои ақибмондаи мутлақа ҳам тараққӣ кунад. Роҳҳои пешбурди кишвари худро ҷустуҷӯ кард ва ба ҷараёни маорифпарварӣ асос гузошт. Аз худ осоре боқӣ гузошт, ки дар он замина ҷавонони маорифпарвари охири асри 19 ва ибтидои садаи 20 таъсир гирифтанд ва онро минбаъда такомул доданд. Ҳамчунин сафарҳо ва таҳсили як гурӯҳ ҷавонони Бухоро, чун Мирзо Сироҷи Ҳаким, Фитрат ва дигарон дар кишварҳои Шарқу Ғарб буд, ки ҷараёни маорифпарвариро такомул доданд, оянда он бо номи ҷадидия маъруф гардид. Инчунин ба ташаккул ва такомули ҳаракати маорифпарварӣ ё худ ҷадидияи Бухоро таъсири матбуоти Шарқ («Ахтар», Истанбул, 1875-1896; «Қонун», Лондон, 1890-1897; «Ҳубб-ул-матин», Калкута, 1893-1930; «Сироҷ-ул-ахбор», Кобул, 1904-1919) ва «Тарҷумон»-и тоторӣ назаррас аст. Таъсири ҳамин омилҳо буд, ки маорифпарварон ё худ минбаъд ҷадидон аз худ мероси ғание гузоштанд, ки имрӯз он мерос аҳамияти бештар пайдо намудааст.

Аввал, бояд моҳияти маорифпарвариро дарк кард. Дар зоҳир оддӣ аст, аммо дар ботин чӣ аҳамияте дорад, ки имрӯз мо ба омӯзиши он мерос камари ҳиммат бастаем.

Маорифпарварӣ, ин равияи иҷтимоию сиёсӣ ва адабию фарҳангиест, ки зиёиёнро аз ғафлати шахшудамондаи замони кӯҳнаи феодалӣ бедор намуда, онҳоро ба замони нав, замони тантанаи илму амал ва адолат даъват мекард.

Имрӯз мо барои бунёди таҳкурсии мустаҳкам ва боэътимоди Ӯзбекистони Нав ва Эҳёи савум камар бастаем. Имрӯз мо натанҳо зиёиёнро, балки халқи Ӯзбекистонро аз ғафлати шахшудамондаи замони шӯравӣ бедор, аз дигар ҷараёнҳои иртиҷоӣ дур намуда, бо тантанаи илму амал барои амалисозии мақсади Стратегии худ халқи худро сафарбар намоем. Президент Шавкат Мирзиёев дар бораи аҳамияти омӯзиши осори мондагори маорифпарварони ибтидои садаи 20 таъкид намудааст: «Дар бунёди ҷамъияти шаҳрвандӣ ва давлати демократии ҳуқуқбунёд мероси аҷдодони маърифатпарвари мо ҳамчун пойдевор хидмат мекунад. Чунки ғоя ва дастурҳои онҳо бо Стратегияи барпо намудани Ӯзбекистони Нав ҳамбастагӣ ва ҳамоҳангӣ дорад».

Аз ин таъкидоти Сарвари кишвар илҳом гирифта, тасмим гирифтем, то андар маводи саҳифаҳои нахустрӯзномаи аморати Бухоро – «Бухорои шариф» (11 марти соли 1912 – 2 январи соли 1913), ки бештар осори маорифпарвариро дарҷ намудааст, ибрози андеша намоем.Чунки дар аксар маводи саҳифаҳои рӯзнома, хоҳ дар наср ва ё хоҳ дар назм мардумро даъват ба бедорӣ, ба омӯзиши илму дониш, талош ба тараққии кишвар фаро гирифтааст. Ин нукта дар «Мақсади омол», ки дар ҳар як шумораи рӯзнома ба чоп расидааст, хуб ба назар мерасад. Омадааст: «Рӯзномаи мо илмӣ, адабӣ, ахлоқӣ, фаннӣ, иқтисодӣ буда ба тараққии бародарони исломӣ хоҳад кӯшид», яъне онҳо тараққии кишвари худро мехостаанд. Чунки аксар дастбакорони рӯзномаи «Бухорои шариф» аз рушду нумӯи мамлакатҳои пешрафтаи Шарқу Ғарб огоҳӣ доштанд.

Ин ҷо як мулоҳизаи нависанда ва олими нотакрори тоҷик Сотим Улуғзода дар бораи ҳаракати маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна ишорае дорад, ёдам расид: «Раванди бузурги фарҳангӣ дар ҳавзаи тамаддун ва фарҳанги Мовароуннаҳр ва дигар кишварҳои мутамаддини Шарқ аз лиҳози ҳадаф ҳамоҳанг буда, аҳли зиё ва адибони ин давра тавассути осори худ раҳоӣ аз ғафлатро тақозо менамуданд.

Маорифпарварони Бухоро аз зумраи заминагузорони ҳаракати маорифпарварӣ ва тавсеакунандагони фарҳанги миллӣ ба шумор мерафтанд. Онҳо зиёиёни тараққихоҳ ва ислоҳотпарваре буданд, ки аз муҳити сиёсӣ ва иҷтимоии Бухоро норозӣ буданд».

Ислоҳоти амалиро тибқи ғояи маорифпарварон аз чӣ бояд оғоз намуд. Дастбакорони рӯзнома дарк намуданд, ки маърифат нурест ба дилҳои торик. Ба посухи ин суол ба маводи саҳифаҳои рӯзнома назар меафканем. Ошкор аст, ки он вақт дар аморат аз демократия ва ошкорбаёнӣ нишон ҳам набуд. Кормандони рӯзнома, ки рӯҳияи маорифпарварона фаро гирифта буд, кӯшиш менамуданд, сабабҳои қафомонии тараққиёти амORатро ошкор карда, роҳҳои ислоҳ кардани муаммоҳоро дарёфт намоянд. Ва сабаби асосиро дар бесаводии халқ медиданд. Калиди наҷотро аз он зулмоти аморат дар «мактаб, мактаб ва боз мактаб» дидаанд. Ва борҳо таъкид доштаанд, «мо бояд талаби илм намоем», «мӯҳтоҷ ба илм ҳастем, бояд аз пайи илм шуд». (Ниг.: «Б. Ш.», №3 аз марти соли 1912, № 5, аз 26 марти соли 1912).

Эътироф доранд, ки «мадориси Бухороро шогирд дар даҳ-бист сол нима тамом намояд». Ин ҳақиқати таърихиро баъдтар устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» тақвият дода менависад: «Талабагони мадрасаҳои Бухоро модом ки 19 сол дар болои як программаи маҳдуд кор мекардаанд, бояд дар илмҳои дар он программа зикрёфта мутахассиси замони худ шуда мебаромаданд. Афсус, ин гуна гумон кардан нодуруст ва пиндори хушк аст». (С. Айнӣ. «Ёддоштҳо», қисми 1 – 2, Душанбе, 1992, саҳ. 181).

«Дар шаҳрҳои кишвари Туркистон – Тошканд, Самарқанд, Ҳӯқанд мактабҳои «усули ҷадид» кушода шуда буд. Дар ин гуна мактабҳо, ки такя ба усули таълимии Исмоил Ғаспарии тотор таъсис ёфта буданд, «атфол тез навистан ва хонданро меомӯхт». («Б. Ш.», № 139, аз 28 ноябри соли 1912). Ба ин мақсад дар саҳифаҳои рӯзнома мактабҳои «усули ҷадид» тарғиб карда мешуд. Дар кишвари Туркистон соли 1911 68 мактаби усули ҷадид амал мекард. Бояд таъкид, кард, ки нахустин мактаби усули ҷадид ба забони форсии тоҷикӣ соли 1901 бо ташаббуси маорифпарвари самарқандӣ Абдуқодир Шакурӣ кушода шуд. Баъдтар Абдуқодир Шакурӣ дар деҳаи Раҷабамини Самарқанд ва соли 1903 дар гузари Қӯшҳавз мактаби усули ҷадидро бунёд намудааст.

Дар Бухоро аввалин мактаби усули ҷадидро мулло Ҷӯрабойи Пирмастӣ соли 1900 кушодааст, вале мактаби ӯ дер амал накард. Дар соли 1908 дар такя ба мактаби тоторҳо дар ҳавлии Мунзим ва Айнӣ мактаб таъсис доданд. Мунзим китоби таълимии «Роҳбари хат» ва С. Айнӣ «Тазҳиб-ус-сибён»-ро тартиб доданд. Вале ин мактаб ҳам дер напоид. Амалдорони амир имконият надоданд, ки дар аморат чун кишвари Туркистон мактабҳои усули нав кушода шавад.

Дар мактабҳои усули ҷадид омӯзиши забони русӣ ба роҳ монда шуда буд. Тибқи хабари рӯзнома («Б. Ш.», №28, аз 12 апрели соли 1912)» дар мактаби усули ҷадид муаллим бояд аз аҳли ҳамон қабила бошад. Атфоли тоҷикро тотор ва ғайра наметавонад дарс бидиҳад».

Таклифу пешниҳодот ва фаъолияти амалии маорифпарварони аморати Бухорои ибтидои садаи 20 ҷомаи амал напӯшид. Он ҳама орзую омоли маорифпарварон имрӯз дар кишвари мо бошукӯҳ тадбиқ мегардад. «Ӯзбекистони Нав аз остонаи мактаб, аз системаи таълиму тарбия шурӯъ мешавад, амал карда, ислоҳоти васеъмиқёсро амалӣ хоҳем кард», – навиштааст Сарвари кишвар. Имрӯз дар соҳаи таълим ислоҳоти калонмиқёс дар амал татбиқ мегарданд. Дар ҳақиқат ислоҳоти васеъмиқёс ҷабҳаҳои таълиму тарбияро аз муассисаҳои таълими томактабӣ то таълими олӣ фаро гирифтааст ва аллакай он самара медиҳад. Ҷавонон ба ҷаҳон баромаданд. Имрӯз ҷавонони мо собит менамоянд, ки дар олам аз касе кам нестанд ва кам нахоҳанд буд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-528.
Адади нашр 4242. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 23.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.